ПАЛАТАИ САВДО ВА САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ТОРГОВО-ПРОМЫШЛЕННАЯ ПАЛАТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# ФАРМОН
4 а

15 январи соли 2016 ш.Душанбе

**Дар бораи илова намудани тағирот ба Дастурамали методӣ оид ба муқаррар намудани ҳаққи хизматрасонӣ барои гузаронидани экспертизаи (ташхиси) мустақили молу маҳсулот ва муайян намудани кишвари баромади мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бо назардошти он, ки бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфи расонида истодааст, ки ин дар омилҳои баланд шудани нархи доллари ИМА аз - 5 сомони дар соли 2013 ба 7,37сомони дар соли 2016, кам шудани ҳаҷми воридоти молҳо ба ҷумҳурӣ, баланд шудани нархҳои молҳои сермасраф, молу маҳсулоти истифодабаранда, инчунин дар афзоиш ёфтани ҳаҷми таваррум (инфлятсия) маълум мегардад, андозаи тарифи ягонаи ҳаққи хизматрасони, ки дар Дастурамали методӣ оид ба муқаррар намудани ҳаққи хизматрасони барои гузаронидани ташхиси мустақили молу маҳсулот ва муайян намудани кишвари баромади мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон , ки бо карори Раёсати Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 35 аз 30 декабри соли 2013 тасдиқ карда шудааст, ба фаъолияти мӯътадили молиявии Палата мусоидат карда наметавонад.

Бо мақсади баланд бардоштани самаронокии фаъолияти Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ

ФАРМОН МЕДИҲАМ :

1. Нархи хизматрасонӣ барои гузаронидани ташхиси мустақили молу маҳсулот ва муайян намудани кишвари баромади мол бо назардошти қурби ҳозираи доллари ИМА индексатсия карда шавад.

2. Дар банди 3 Дастурамали методӣ оид ба муқаррар намудани ҳаққи хизматрасонӣ барои гузаронидани ташхиси мустақили молу маҳсулот ва муайян намудани кишвари баромади мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозаи 65 сомони, ки 13 доллари ИМА дар соли 2013 ташкил медод, ба андозаи 95 сомони, ки 13 доллари ИМА-ро дар соли 2016 ташкил менамояд иваз карда шавад.

   Дар банди 4 Дастурамали мазкур андозаи 40 сомони, ки ба 8 доллари ИМА дар соли 2013 баробар мебуд, ба андозаи 60 сомони, ки 8 доллари ИМА- ро дар соли 2016 ташкил менамояд иваз карда шавад.

3. Мӯҳлати ҷори намудани нархҳои индексатсия карда шударо барои банди 3 аз 01 феврали соли 2016 ва барои банди 4 аз 01 марти соли ҷори муайян карда шавад.

4. Идораи экспертиза, сертификатсия ва нархгузории амвол, шӯъбаи муҳосибӣ ва молияи Дастгоҳи Марказии Палата ва палатаҳои вилоятӣ вазифадор карда шаванд, ки ҳаққи хизматрасони аз корхонаю ташкилотҳои ҷумҳурӣ ва соҳибкорони шахсӣ бо андозаи нав ситонида намоянд.

5. Ба Шӯъбаи умумӣ ва кадрҳо маълумот оид ба қабул намудани фармони мазкур ба ҳаммаи сохторҳои Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида шавад.

Раиси Палата Шариф Саид.